## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Лутфуллои Саъдулло дар мавзӯи “Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорониояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)**

**Мубрамияти диссертатсияи** Лутфуллои Саъдулло бо он асоснок шудааст, ки инсоният дар ҳар як марҳилаи нави рушди худ нақшаҳои нави консептуалӣ ва моделу усулҳоро (ки онҳоро парадигмаҳо ҳам меноманд) барои низомҳои таҳсилоти худ меҷӯяд. Аз ҷумла, дар марҳилаи ҳозира усули ҳамгирои таълим ба сифати парадигмаи асосии консепсияи таҳсилот қабул гардида, дар намуди муосир ин усул консепсияҳои таҳаввулотии байнифанниро дар бар мегирад. Рушди технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ, компютерӣ, мултимедӣ ва дигар технологияҳои таълим нигоҳи нав ба консепсияҳои куҳна ва ба онҳо додани намуди муосири дидактикиро имконпазир гардонд.

Муҳаққиқ андеша дорад, ки махсусан ин усул дар партави тамоюлҳо дар методикаи таълим аҳамият касб кард ва ин аз он далолат медиҳад, ки истифодаи ҳамаи технологияҳои таълимӣ бояд ба инкишофи умумии шахсият ва бо салоҳиятҳои зарурӣ барои фаъолияти касбии минбаъда таъмин кардани ӯ равона шуда бошад. Маҳз бо таъсири ҳамин консепсия ташаккул ва рушди низоми омодагии мутахассисони оянда дар мактабҳои олӣ сурат мегирад. Махсусан дар бораи кормандониояндаи педагогӣ сухан меравад, ки онҳо дар доираи фаъолияти касбии худ бояд бо наврасон кор карда, ба онҳо дониш омӯзонанд ва муҳаббати онҳоро ба фанҳои табиӣ-риёзӣ бедор кунанд.

Воқеият ва нокифоягии омӯзиши масъала, номувофиқатӣ байни талаботи ҷомеаи муосир ва имконоти омодасозии ҳамаҷонибаи

омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мушаххассозии асосҳои педагогии тайёрии касбӣ ҳангоми таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба ин гуруҳи омӯзгорон боиси интихоб ва мавриди таҳқиқ қарор додани мавзуи интихобшуда гардидааст.

Дар ин замина, унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки аснои омӯзиши проблемаи таҳқиқшаванда бартарии истифодаи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омузгорони ояндаи технологияҳои иттилоотиро муайян созад. Вобаста ба ин, таъкид месозад, ки азбаски мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва компютерӣ дар ҷаҳони муосир устувор гашта, ҷараёни рақамикунонии ҷомеа аҳамияти глобалӣ мегирад, нақши фанни “информатика” дар соҳаи маориф ҳамасола беш аз пеш муҳимтар мешавад. Дар доираи ин фан хонандагон бо салоҳиятҳое таъмин мегарданд, ки ба онҳо барои зиндагӣ дар асри иттилоот ва компютер заруранд. Аксарияти технологияҳо ва усулҳои муосири таълим низ ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) ва мултимедиа вобастаанд. Технологияҳои таълими ҳамгиро низ истисно нестанд.

Муаллиф комилан дуруст пай мебарад, ки дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ошкор гардидааст, ки солҳои охир дар мавзӯи таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии истифодаи технологияҳои таълими ҳамгиро дар омодагии донишҷӯён ва хонандагон дар самти фанҳои табиӣ-риёзӣ, моделсозӣ ва фаъолияти ҷанбаи ташкилию технологии он, мақсаднокии мустақилонаю маърифатии мазмун ва самаранокии истифодаи таълими ҳамгиро ва монанди ин иншо шудаанд. Дар илми тоҷик масъалаи истифодаи таълими ҳамгиро дар ҷараёни таълим длар мактаби олӣ то мактаби миёна, истифодаи алоқаҳои байнифаннӣ дар ҷараёни таълим ва хусусиятҳои ташкилию педагогии он ҳам дар сатҳи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва ҳам дар сатҳи мақолаҳо васеъ таҳқиқ шудааст. Илова бар ин, ҳарчанд аксарияти таҳқиқотҳои диссертатсионии олимони ватанӣ ба омӯзиши масъалаҳои таълими ҳамгиро дар соҳаи

гуманитарӣ ва дар сатҳи мактабҳои миёна бахшида шуда бошанд ҳам, вале омодагии омузгорониояндаи фанни "Технологияҳои иттилоотӣ" дар илми педагогика кам таҳқиқ шудааст.

Дар рисолаи Лутфуллои Саъдулло қисми зиёди маълумот оид ба самтҳои татбиқ ва рушди низоми таълими фосилавӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар дар стандартҳои давлатӣ, консепсияҳо, қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудааст. Илова ба ин, ҳолати ҳозираи татбиқи таълими фосилавӣ ва хусусиятҳои ташкилию педагогии он дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботҳо аз натиҷаи аттестатсияҳои ҷамъбастӣ, ҳисоботҳои худмуоина ва худбаҳодиҳии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон фиристода мешаванд, инъикос шудаанд. Маълумотҳои оморӣ оид ба соҳаи маориф дар ҳисоботҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1.Сохтор, мазмун ва мундариҷаи маҳфуми "ҳамгироии таълим" фанҳои табиӣ-риёзӣ дар омодагии муаллимониояндаи технологияи иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ муайян гардидааст.

2.Тарзу усулҳои таҳияи модели таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ зимни омодагии касбӣ-методии муаллимониояндаи технологияи иттилоотӣ ошкор гардидааст.

3.Роҳу воситаҳои самараноки амалисозии модели таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар омодагии касбӣ-методии муаллимониояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мушаххас шудааст.

4.Меъёрҳо, сатҳҳо ва нишондодҳои амалисозии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар омодагии муаллимониояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ илман асоснок карда шудааст.

5.Тавассути озмоиши педгогӣ беҳдошти методикаи пешниҳодгардида дар амал. Мавриди санҷиш қарор дода шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола тазоҳур менамояд.

**Навгонии илмии тадқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки бори аввал:

1.Сохтор, мазмун ва мундариҷаи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимониояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассиаҳои таҳсилоти олии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ гардидааст.

2.Модели таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ барои омодагии касбӣ-методии муаллимониояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ таҳия шудааст.

3.Роҳу усулҳои самараноки амалисозии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимониояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ коркард гардидааст.

4.Меъёрҳо, сатҳҳо ва нишондодлҳои млман асосноки амалисозии таълими ҳамгирои технологияи фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимониояндаи технологияи иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян шудааст.

5.Самаранокии коркарди методии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар омодагии муаллимониояндаи технологияи иттилоотӣ амалан санҷида ошкор гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

1. Ба назария ва амалияи истифодаи технологияи таълими ҳамгиро дар таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисса гузошта шудааст.

2. Муайян гардидааст, ки донишҷӯён ва омӯзгорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самаранокии таъсири усулҳои ҳамгирои таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ ба маромнокии таълимии донишҷӯён - омузгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ба фаъолнокии мустақилонаю маърифатӣ, давомот ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ баҳои баланд медиҳанд.

3. Муайян гардидааст, ки омӯзгорони мактабҳои олии кишвар барои гузаронидани машғулиятҳои ҳамгиро дар сатҳи зарурӣ салоҳият ва маромнокии ҷавобгу ба талабот надоранд.

4. Ҷанбаҳои инфрасохторӣ ва салоҳиятноки татбиқи бомуваффақияти технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи воситаҳои таҳияи консепсияҳои таълимӣ, машғулиятҳои омӯзишӣ ва омодагӣ ба дарсҳои ҳамгиро муайян гардидаанд.

5. Маҷмуи таркибҳое, ки қисмати технологии модели таълими ҳамгирои фанҳои табиатшиносиро ташкил медиҳанд, муайян гардидааст.

6. Тасаввуроти илмию методӣ дар бораи ҷараёни татбиқи технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактаби олӣ, ки дар нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва сатҳи омодагии касбии омӯзгорону донишҷӯён асос ёфта, мутобиқгардонии ҳалли маҷмуи масъалаҳои илмию амалии татбиқи таълими ҳамгироро дар ҷараёни таҳсил имконпазир мегардонад, васеъ гардонида шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ бо гузоштани масъала, таҳияи асосҳои методологии таҳқиқот, мақсади умумӣ ва методикаи озмоиш аз рӯи масъалаи таҳқиқот, таҳияи моделҳои гуногунҷанбаи низоми таълими фосилавӣ ва истифодаи онҳо барои тақвияти фаъолнокии мустақилонаю маърифатии донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин роҳбарӣ ва иштирок дар кори озмоишӣ муайян мегардад. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот зимни маърӯзаҳо дар конференсияҳои гуногуни илмию амалӣ (солҳои 2016-2023), семинарҳо ва мизҳои мудаввар муҳокима шуданд. Натиҷаҳои асосӣ дар 8 асару мақолаҳо

инъикос ѐфтаанд, аз ҷумла 5 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи унвонҷӯй аз муқаддима, ду боби матни асосӣ, зербобобҳо, хулосаву тавсия, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, мазмунан дар 179 саҳифа баён шуда, 20 расм ва 3 ҷадвалро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 196 сарчашма иборат аст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони "Асосҳои назариявӣ-методологии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба муаллимони ояндаи технологияи иттилоотӣ" аз се фасл иборат буда, дар ин боб омадааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои ташаккули салоҳиятҳои муосири донишҷӯён барои шароитҳои имрӯзаи иқтисодии бозори меҳнат дар ҷаҳон ислоҳоти низоми таҳсилоти олии касбӣ ва дар он татбиқ кардани усулҳои нави методологӣ, аз ҷумла дар самти ташкил ва нигоҳдории бевосита ҷараёни таълимро талаб мекунад.

Муаллиф дар ин боб муайян намудааст, ки дар радифи технологияҳои педагогӣ, ки дар ҷараёни таълим пайваста истифода бурда мешаванд, аз ҷумла технологияҳои таълими проблемавӣ, технологияҳои ҳифзи саломатӣ, фаъолияти лоиҳавию таҳқиқотӣ, технологияҳои бозӣ, технологияҳои тестӣ ва ғ., технологияҳои таълими ҳамгиро ҷои махсусро ишғол мекунанд.

Дар асри XXI - дар давраи пешрафти иттилоотӣ ва сатҳи беназири ҷамъоварӣ ва истифодаи иттилоот ба ҳам воридшавии маълумотҳо аз соҳаҳои гуногун рӯй медиҳад. Бисёр вақт талаба (донишҷӯ, таълимгиранда) ин алоқаи байниҳамдигариро дида наметавонад, ки бе он дар шароитҳои ҳозира моҳияти бисёр падидаҳои табиат, инчунин донишҳои илмиро фаҳмидан ва сарфаҳм рафтан душвор аст.

Дар диссертатсия собит шудааст, ки дарси ҳамгиро нишонаҳо ва принсипҳои фарққунанда дорад, ки асоси онҳоро мақсади асосии таълими ҳамгиро, яъне инкишофи фикррони таълимгирандагон ташкил медиҳад.

Зиёда аз он, аз ҷониби муаллифи рисола муайян карда шудааст, ки дар адабиёти педагогӣ чунин далел қайд мешавад, ки таълими ҳамгиро дар шакли

дарси ҳамгиро ба баррасии чандҷиҳатаи предметҳо ва падидаҳо, яъне баррасӣ аз ҷиҳати назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ мусоидат мекунад.

Дар бораи ҳамгироии байнифаннӣ ҳамчун асоси таълими ҳамгиро сухан ронда, ба назар гирифтан лозим аст, ки яке аз масъалаҳои асосии ин мавзӯъ ҷустуҷӯи усулҳои самараноки ташкили муҳити илмию таҳқиқотии таълим буда, он ба такмили лоиҳасозии байнифаннӣ вобаста аст.

Боби дувуми диссертатсия – "Асосҳои методии амалисозии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимониояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилотии олии омӯзгорӣ " номгузорӣ гардида, таъкид гардидааст, ки ҳамқадами замон будан зарурати амалан навсозии соҳаи маориф ва омодагии мутахассисони оянда, хусусан дар самти таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ аз ҷумла, информатикаро талаб мекунад. Дар барномаҳои муосири таълимии мактабҳои олӣ аллакай бисёр фанҳои ҳамгирои табиӣ-риёзӣ пешбинӣ шудаанд. Масалан, дар омодагии тиббӣ "Информатикаи тиббӣ", "Химияи биологӣ" ва ғ. ба назар мерасанд. Дар ихтисосҳои табиатшиносии таҳсилоти педагогӣ фанҳои "Тасвири табиатшиносии ҷаҳон", "Экология", "Биофизика", "Математика ва информатика"-ро дидан мумкин аст.

Боиси зикр аст, ки дар ин боб аз ҷониби муаллифи рисола масъалаи ҳамгироӣ ҳамчун принсипи муҳими муайян намудани мазмуни фанҳои табиӣ-риёзӣ масъалаи нав набуданаш таҳлил гардидааст. Тахассуси маҳдуди муаллимон, ки бештар танҳо бо хондани як-ду фан қаноат мекунанд, аксар вақт ба онҳо имкон намедиҳад, ки дар бораи тасвири табиатшиносии ҷаҳон тасаввуроти доимӣ дошта бошанд, зиёда аз ин, дар донишҷӯён чунин тасаввуротро ташаккул диҳанд. Бинобар ин, омодагии дуруст, таркиббандишуда, якхела, стандартикунонида ва татбиқи принсипи ҳамгироӣ дар мазмуни фанҳои табиӣ-риёзӣ барои омодагии пеш аз ҳама мутахассисон - омузгорони информатика басо аст. Асоси ташкили ҷараёни таълими мактаби олиро Стандарти давлатии таҳсилот ташкил медиҳад, ки он дар барномаҳои таълимӣ, барномаҳои фанҳои таълимӣ ва таҷрибаомӯзиҳои таълимию

истеҳсолӣ таҷассум меёбад. Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно нест, ки дар он стандарти умумидавлатӣ барои барномаи асосии омодагии мутахассисон вобаста ба фанҳои табиӣ-риёзӣ (инженер, табиб, барномасоз ва ғ.) меъёр ба шумор меравад.

Тавре таҳлили рисола ва натиҷаҳои ба даст омада собит мекунад, имрӯз аллакай дар сатҳи стандартҳои давлатии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии танзимкунандаи барномаҳо ва омодагии мутахассисон дар доираи таҳсилоти олии касбӣ аз зарурати ҳамгироии фанҳои таълимӣ (дар ҳолати мо - фанҳои табиӣ-риёзӣ ) дар дохили доираи фанҳои муайяншуда ва ҳамгирои бо фанҳои дигар тағйиротҳо ба назар мерасанд. Ин заруратро стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати илмию техникӣ низ тасдиқ мекунад. Дар ин ҷо принсипи ҳамгирой, аз як тараф, аз муттаҳидии фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва таълимӣ тавассути ташкили комплексҳои таълимию илмӣ ва паркҳои технологӣ дар асоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкилотҳои илмии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавии мақоми давлатидошта, инчунин ташкилотҳои илмии вазоратҳо ва дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ иборат аст. Аз тарафи дигар, дар бораи ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот сухан меравад.

Чунончӣ, аз муҳтавои рисола бармеояд, баҳри муваффақ шудан ба ҳадафи гузошташуда озмоиш афзоиши назарраси қисмҳои маромнокӣ, назариявӣ ва амалии сатҳи омодагии омузгорони ояндаи технологияҳои иттилоотиро ба истифодаи технологияҳои таълими ҳамгиро дар фаъолияти касбии худ дар ҳолати истифодаи методикаҳои ҳамгиро, ки дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ асос ёфтаанд, дар ҷараёни таълим нишон додааст.

Дар марҳилаи назоратии эксперимент муайян гардид, ки истифодаи технологияҳои ҳамгиро дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ боз як масъалаи муҳими амалии низоми муосири маорифро ҳал мекунад - пурбории нақшаҳои таълим дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон дар ҳамаи сатҳҳо ва вобаста ба

ин муаллиф маълумоти муфассалро тариқи расму ҷадвалҳо ва диаграммаҳо пешниҳод менамояд.

Ба андешаи муаллиф, таҷрибаи озмоишии истифодаи дарсҳои ҳамгиро дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз беҳтар шудани ҷараёни донишомӯзӣ дар байни донишҷӯён, самаранокии зиёд нисбат ба дарсҳои анъанавӣ, инчунин фароҳам овардани имкониятҳо ба муаллим барои муайян намудани сатҳи донишҳо ва имкониятҳои инфиродии ҳар як донишҷӯ далолат медиҳад.

Дар қисмати ҷамъбастии диссертатсия аз ҷониби муаллиф тавсияҳо ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот пешниҳод шуда, иҷрои вазифаҳои таҳқиқот таъмин гардида, инчунин дар ҷараёни таҳқиқи назариявии мавзӯи диссертатсия ва озмоишӣ педагогӣ фарзияҳои таҳқиқот тасдиқ шуданд.

Ба андешаи мо, рисолаи илмии Лутфуллои Саъдулло дар дар мавзӯи "Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ муосир мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Ба андешаи ман муҳақиқ мебоист аввал муаммои ҳамгироии илмҳоро дар шароити муосир мавриди назар намуда, сипас дар заминаи он муаммои таълими ҳамгирро мавриди назар менамуд, зеро таълим ба дастовардҳои илм такя намуда, онро инъикос менамояд. Аз ин лиҳоз ҳамгироии илмҳои табиӣ, риёзӣ ва информатика бояд мавриди назар мегардид.

2. Азбаски таълими ҳамгиро идома ва заминаи нави рушди алоқаи байни фанҳо маҳсуб меёбад, мантиқан аз ин чунин хулоса бармеояд, ки умумият ва фарқиятҳои таълими ҳамгиро ва алоқамандии байни

фанҳо муайян карда мешуд.

3. Бинобар он ки сухан дар таҳқиқоти мазкур доир ба ҳамгироии фанҳои табиӣ, риёзӣ, информатика меравад, зарурияти воқеӣ бармеояд нисбати ҳамкории кафедраҳои фанҳои табиӣ, риёзӣ ва информатика ва мутаносибан ҳамкории методии омӯзгорони ин фанҳо дар омодасозии касбӣ-омӯзгории ояндаи технологияҳои иттилоотӣ.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Лутфуллои Саъдуллоро дар ҳудуд ва миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурироба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад ва тадқиқоти масъалаи гузошташударо хеле муваффаққона ва дар сатҳи пурарзиш ба анҷом додааст.

Автореферат, китобу дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавоии асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботҳои пешниҳод намудаи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оиди тартиб додани дараҷаҳо ва унвонҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Лутфуллои Саъдулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) сазовор мебошад.

Муқаррizi расмӣ :
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, и.в. мудири кафедраи
умумидонишгоҳии информатикаи
МДТ “ДДХ ба номи академик
Б.Ғафуров” И.У.Икромова

“25” августи соли 2023

Маълумот барои тамос:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, к.Мавлонбеков 1.
МДТ “ДДХ ба номи академик
Б.Ғафуров”
Телефон: (+992) 928231030.
E-mail: ikromovai@mail.ru

Имзои дотсент Икромова Инобатҷон
Умарбоевнаро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “ДДХ ба номи Б.Ғафуров” Э.М.Наврӯзов

“25” 08 соли 2023